*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 98 (4681) | ҶУМЪА, 4 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ТУРКМАНИСТОН



**Чоруми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар вохӯрии сарони давлатҳои Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба Туркманистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.



**4 августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар вохӯрии сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон вориди шаҳри Ашхободи Туркманистон шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Ашхобод ба хотири пазироии арзандаи меҳмони олимақом - Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди ҳавопаймо роҳрави махсус гузошта шуда, дар ду канори он Горди фахрӣ саф кашида буд.

Бо нишони баланди эҳтиром ва самимияти хос Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Туркманистон гарм истиқбол гирифтанд.

Ҷавонони туркман бо либосҳои миллӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гулдаста тақдим намуда, нону намак пешкаш карданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари кориашон ба Туркманистон бо Пешвои миллии халқи Туркманистон, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон муҳтарам Гурбангули Бердимухамедов мулоқот анҷом доданд.**

Дар рафти вохӯрӣ ҳар ду ҷониб масъалаҳои мубрами муносибатҳои дӯстии Тоҷикистон ва Туркманистонро баррасӣ карда, ба рушди шарикии стратегӣ ва инкишофи минбаъдаи ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷониба таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд. Аз ҷумла, зарурати тақвияту тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ мавриди таъкид қарор гирифт.

Ҳамзамон, оид ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркманистон дар доираи сохторҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, табодули назар анҷом ёфта, барои идомаи ин раванд ва анъанаҳои неки дастгирии мутақобила аз ташаббусҳои байналмилалии ҳар ду кишвар омодагӣ изҳор гардид.

Вохӯрӣ дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстӣ сурат гирифт.

**Дар Ашхобод Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари кориашон ба Туркманистон, инчунин, бо Президенти Туркманистон Сердар Бердимухамедов мулоқот анҷом доданд.**

Сарони давлатҳо маҷмӯи масъалаҳои вобаста ба ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию башарӣ ва дигар арсаҳоро баррасӣ намуданд. Ба иҷрои мувофиқаҳое, ки аз натиҷаи сафари давлатии Президенти Туркманистон дар моҳи майи соли 2023 ҳосил гардида буданд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир шуд.

Ҷонибҳо аз рушду тавсеаи савдои мутақобила ва дастгирии тамоюли афзоиши бемайлони он пуштибонӣ намуданд. Дар ин робита зарурати истифодаи имкониятҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ, Шӯрои кории Тоҷикистону Туркманистон, ҳамчунин, амалияи баргузории форумҳои соҳибкорон мавриди таъкид қарор гирифт.

Ҳамзамон, атрофи масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули назар сурат гирифт.

Президентҳо бо изҳори қаноатмандӣ сатҳи баланди эътимод ва мавҷудияти иқтидори зиёди ҳамкориҳои ҳар ду кишварро таъкид карда, аз рушди минбаъдаи рӯзафзуни муносибатҳои дуҷониба дар ҳамаи соҳаҳои мавриди манфиати тарафҳо ҷонибдорӣ намуданд.

**Чоруми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ашхобод дар нишасти сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ширкат варзиданд.**

Сарони давлатҳои Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Сердар Бердимухамедов ва Шавкат Мирзиёев масъалаҳои вобаста ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, энергетика, обу экология, нақлиёт ва дигар соҳаҳои мавриди манфиати муштаракро баррасӣ намуданд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон рушди устувори муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо Туркманистон ва Ӯзбекистон ба сифати авлавияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон таъкид намуданд. Дар робита ба ин зикр гардид, ки тавсеаи ҳамаҷонибаи минбаъдаи робитаҳои байнидавлатӣ ҷавобгӯи манфиатҳои аслии мардуми ҳар се кишвар буда, ба пойдории сулҳу субот ва амният дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

Сарвари давлати Тоҷикистон, ҳамзамон, таъкид намуданд, ки ба шарофати фазои мусоиди сиёсӣ, ки тайи солҳои охир ташаккул ёфтааст, дар паҳнои Осиёи Марказӣ раванди фаъоли тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ идома дорад, ки он барои рушди устувори кишварҳо замина мегузорад.

Дар робита ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои энергетика ва обу иқлим Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Тоҷикистон, бо назардошти захираҳои бойи гидроэнергетикиаш, ҳадаф гузоштааст, то истеҳсоли «энергияи сабз» - ро рушд диҳад ва омода аст дар ин соҳа бо кишварҳои минтақа минбаъд низ ба таври фаъол ҳамкорӣ намояд. Зимни ҷалби таваҷҷуҳ ба тағйирёбии иқлим дар солҳои охир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳамияти ибтикороти ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим ишора намуданд, ки барои манфиатҳои умум хизмат мекунанд ва аз пуштибонии ҷомеаи ҷаҳонӣ бархӯрдоранд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамзамон бо ин, ба истифодаи босамари иқтидори ҳар се кишвар дар бахши нақлиёт, ки метавонад минбаъд низ ба таъмини устувории иқтисодиёти миллӣ мусоидат кунад, даъват намуданд. Дар ин зимн, Сарвари давлати мо аз ташаккули долонҳои тиҷоратию транзитии авлавиятнок дар самти шарқу ғарб ва шимолу ҷануби кишвари мо, ки дорои аҳамияти байналмилалӣ мебошанд, ёдовар шуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои нишаст Эъломияи муштараки сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул гардид.

**www.president.tj**



# ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТ – ТАКМИЛБАХШИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки ҳар сол дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мешавад, ҷойгоҳи махсус дорад, зеро он рушдбахшандаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар мебошад.**

**Мавриди ёдоварист, ки нахустин Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми апрели соли 2000 ироа гардида буд. Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 23-юми декабри соли 2022 ироа шуд, 24-умин Паёми Президент ба парламенти мамлакат мебошад.**

**Дар мақолаи мазкур оид ба муқовимат ба коррупсия, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат муқаррар шудаанд, хоҳем гуфт.**

Коррупсия падидаи зишт ва яке аз ҷиноятҳои хатарнок буда, ба амнияти кишвар, суботи ҷомеа, рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таҳдид менамояд. Аз ин лиҳоз, муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат ба ҳисоб рафта, давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия пайваста талош меварзад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба хатар ва оқибатҳои манфии коррупсия, инчунин ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта изҳори назар намуда, роҳу усулҳои пешгирӣ кардани ин падидаи номатлубро матраҳ менамоянд ва дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди коррупсия самти афзалиятноки фаъолияти давлат ҳисобида шудааст.

Чунончи, Президенти мамлакат дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2004 вобаста ба зуҳуроти номатлубу зишти коррупсия сухан ронда, мубориза бо онро яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ муайян карданд. Тавре зикр гардид: «Зуҳуроти номатлуби дигаре, ки имрӯз ҷомеаро ба ташвиш овардааст, паҳн гардидани коррупсия мебошад. Ришвадиҳӣ ва ришваситонӣ дар ҳар шакл ва дар ҳар зинаи мақомоти давлатӣ ё субъектҳои хусусӣ, ки сурат гирад, пеш аз ҳама нуфузу эътибори давлат ва хусусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар миёни халқ паст мекунад. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди ин ҷиноят бояд яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил диҳад». Дарвоқеъ, порадиҳӣ ва порагирӣ кирдорҳои хавфнок буда, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани чунин кирдорҳо, тибқи моддаҳои 319 (гирифтани пора) ва 320 (додани пора), ҷавобгарӣ муқаррар шудааст.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007 таҳти № 143 бо мақсади вусъат додани мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратию ревизионӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми махсусгардонидашуда ва ҳамоҳангсози мубориза бар зидди коррупсия таъсис дода шуда, низомномаи он тасдиқ гардид. Дар ин иртибот, вазифаҳои собиқ Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саридораи полиси андози Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, сохторҳои мубориза бар зидди коррупсия ва ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидоштаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат ба ваколати агентӣ вогузор шуданд.

Бо мақсади танзими фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабул ва 20-уми марти соли 2008 таҳти № 374 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Қонуни зикргардида вазъи ҳуқуқӣ, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, хизмат дар мақомот, ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ, таъминоти молиявӣ, моддию техникии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд.

Бо сабаби он ки дар шароити муосир коррупсия ҳамчун зуҳуроти хатарнок ба рушди давлат таъсири манфӣ мерасонад, дар мамлакат мубориза бар зидди он самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон шудааст. Чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2008 қайд намуданд: «Бо дарназардошти он ки коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад, мо мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани сатҳи онро ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил додаем».

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 24-уми апрели соли 2010 дар самти мубориза бо коррупсия гузаронидани экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалагузорӣ шуда, бо мақсади аз тариқи қонунгузорӣ пешгирӣ намудани омилҳои коррупсиониро тавассути гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии қонунҳо, баланд бардоштани сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо махсус таъкид гардид.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ЭҲСОСИ МАСЪУЛИЯТ БА ҚОНУНШИКАНӢ НУҚТА МЕГУЗОРАД

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соле ду маротиба - моҳҳои апрел - май ва октябр - ноябр маъракаи даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ доир мегардад. Бо фаро расидани ҳар як маъракаи даъват шоҳид мегардем, ки дар рӯзи аввал шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нақшаи даъватро пурра иҷро карда, масъулин ва волидон наваскаронро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ба қисмҳои ҳарбӣ гусел мекунанд. Ин муваффақияти вилоят ба он марбут аст, ки масъулин вазифаашонро иҷро карда, дар маъракаи даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ пешқадаманд.**

Тибқи иттилои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон 20-уми июли соли равон барои омодагӣ ба даъвати тирамоҳии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, ки моҳҳои октябр - ноябр фаро мерасад, ҷаласа доир гардида, масъулин барои дар сатҳи баланд гузаронидани маъракаи сиёсӣ вазифаҳои мушаххас гирифтанд.

Раисони Ҷамоати деҳот ва Комиссариати ҳарбӣ супориш гирифтанд, ки омӯзиши шаҳрвандони синни даъватиро дар ноҳия ба роҳ монда, шумораи дақиқи даъватшавандагонро, ки бояд дар даъвати тирамоҳӣ ба хизмати ҳарбӣ ҷалб шаванд, муайян намоянд. Ҳамчунин, раисони Ҷамоати шаҳраку деҳот, роҳбарони ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, новобаста аз шакли моликият уҳдадор гардиданд, ки рӯйхати шаҳрвандони синни даъватиро ба Комиссариати ҳарбии ноҳия пешниҳод ва дар асоси даъватномаи Комиссариати ҳарбӣ шаҳрвандони синну соли даъватиро хабардор намоянд.

Илова бар ин, масъулин вазифадор шуданд, ки тибқи нақшаи тасдиқшуда «Дар бораи омодагӣ ба даъвати тирамоҳии соли 2023-и шаҳрвандони солҳои таваллудашон 1996-2005 ба хизмати ҳарбӣ» то 1-уми октябр даъватшавандагонро аз муоинаи пешакии тиббӣ гузаронида, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ин иқдоми саривақтӣ ва барои дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар намуна аст, ки бояд масъулин таҷриба намоянд. Яъне, ба боварӣ метавон гуфт, ки агар дар дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳам чунин иқдом таҷриба гардад, дар фазои даъват ба хизмати ҳарбӣ то андозае овозаҳо кам мешаванд. Вақте ки даъвати баҳорӣ ба итмом расид, дар хабари Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омада буд: «Масъулини комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои водии Рашт дар рӯзи нахустини даъват ва чор ноҳияи пойтахт бошад, то охири моҳи апрели соли равон нақшаи пешбинишударо 100 фоиз иҷро намуданд. Бо ҳамин тартиб то 31-уми майи соли 2023 вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ оид ба иҷрои нақшаи пешбинигардида гузориш доданд».

Аз ин ҷо мушаххас мегардад, ки бояд дар самти гусели ҷавонони синни даъватӣ ба Артиши миллӣ масъулин дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ ҷиддӣ кор кунанд. Корҳои фаҳмондадиҳӣ имкон медиҳад, ки мардум ва ҷавонони синни даъватӣ дар бобати хизмати ҳарбӣ ва муҳимияти он масъулияти бештар дошта бошанд.

Аз ҷониби дигар, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, ки боиси зуд ҷараён гирифтани маъракаи даъват ва иҷро шудани нақша мегарданд, ҳамчунин, барои нуқта гузоштан ба амалҳои ғайриқонунӣ мусоидат мекунанд. Барои мисол, агар масъулин дар ҳар шаҳру ноҳия барои маъракаи даъват ду-се моҳ пеш омодагӣ дида, дар рӯзҳои аввали даъват ба сафи Артиши миллӣ нақшаро пурра иҷро кунанд, дигар доир ба рафти он сухану амали ноҷо намешунавему намебинем.

Дар рӯзҳои аввали маъракаи даъват ба хизмати ҳарбӣ пурра иҷро гардидани нақшаи даъват шаҳодати он аст, ки эътимоди мардум рӯз аз рӯз ба низоми Артиши миллӣ боз ҳам зиёдтар мегардад. Модоме ки ин боварию эътимодро бо кори софдилонаву содиқона ба даст овардан имкон дорад, бояд масъулин аз чунин шева кор бигиранд.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# СОБИТҚАДАМӢ ДАР ҶОДАИ САНОАТИКУНОНӢ

**Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Ванҷ соҳаи саноат ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид.**

Дар ноҳия корхонаҳои нави истеҳсолӣ оид ба коркарди мева, шир, санги мармар, либосдӯзӣ ва ғайра фаъолият намуда, маҳсулотро ба хориҷи мамлакат содирот мекунанд.

Ванҷро ватани санги мармар меноманд, зеро дар он ҷо конҳои бузурги гуногунранги мармар мавҷуданд. Ҳоло 5 ширкати хусусӣ ба истихроҷи санги мармар машғул аст. Мармаре, ки дар корхонаи маҳаллии Даштаки ноҳия истеҳсол мегардад, дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар ороиши биноҳои маъмурию фарҳангӣ ва кӯчаву хиёбонҳои шаҳрҳо ба таври фаровон истифода мебурданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз сафарҳояшон ба ноҳияи Ванҷ ба бунёди корхонаҳои саноатии минтақа асос гузоштанд. Истихроҷи мармар аз нав оғоз ёфта, ҶДММ «Ҷаҳонгир» аз хориҷи мамлакат таҷҳизоти муосир дастрас намуд.

Корхонаи дигар бо номи «Мармар стоун» технологияи муосирро бидуни пардохти боҷи гумрукӣ ворид кард. Таҷҳизоту технологияи замонавӣ бо кумаки мутахассисони хориҷӣ насбу васл гардида, 10 коргари маҳаллӣ тарзи истифодаи онҳоро аз худ намуданд. Ҳоло ин корхона 5 навъи маҳсулоти бозоргир истеҳсол менамояд.

Дар баробари корхонаҳои зикршуда бунёди коргоҳҳои истеҳсоли ангат, хишти сементӣ, коркарди меваю сабзавот, дӯзандагӣ ва таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ далели собитқадамӣ дар ҷодаи рушд мебошад.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**





# 232 ИНШООТ ДАР НОҲИЯИ ПАНҶ

**Барои дар сатҳи баланд таҷлил намудани 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Панҷ бунёди 232 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст.**

Ба иттилои иҷрокунандаи вазифаи мудири бахши меъморӣ ва шаҳрсозии ноҳия Ҷамшед Латифов аз ҷамъи иншооти дар нақшабуда 62 адад ба маблағи 37 миллиону 274 ҳазор сомонӣ ба истифода дода шуд, ки дар онҳо зиёда аз 50 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Дар 72 иншооти дигар, аз қабили парки технологӣ – инноватсионӣ, мактаб барои 640 хонанда дар як баст, чор бунгоҳи тиббӣ, ду толор ва се майдончаи варзишӣ ва синфхонаи иловагӣ, корҳои сохтмонӣ бомаром идома дошта, баъд аз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтан 70 сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи кор хоҳанд шуд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# ДАСТОВАРДҲО НАЗАРРАСАНД

**Соли 2023 барои сокинони ноҳияи Рашт бобарор омад, - гуфт дар суҳбат муовини якуми раиси ноҳияи Рашт Ҳамдулло Шарифзода. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар 6 моҳи аввали соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 17 миллиону 871,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 319,3 ҳазор сомонӣ ё 1,8 фоиз зиёд аст.**



Бо мақсади амалӣ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми январи соли 2022 «Дар бораи солҳои рушди саноат эълон намудани солҳои 2022-2026» нақшаи чорабиниҳо таҳия шудааст, ки тибқи он, бо ҷалби соҳибкорон ва шарикони рушд дар солҳои 2022-2026 бунёди 21 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ дар назар аст. Шумораи коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии ноҳия то 1-уми июли соли ҷорӣ ба 30 адад расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10-то зиёд мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ва рӯзномаи ноҳиявии «Оинаи Рашт» нимаи дуюми соли гузашта таҷҳизоти муосири чопӣ дастрас гардида, фаъолияти КВД «Матбааи ноҳия» беҳбуд ёфт.

Ҳамдулло Шарифзода иброз дошт, ки дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи технопарк дар ноҳия таҳия шуда, он ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ барои дастгирӣ пешниҳод мешавад.

**Д. МИРЗО, «Садои мардум»**

# МУЪМИНОБОД: БЕКОРШАВИИ АҚДИ НИКОҲ КОҲИШ ЁФТ




**Дар шаш моҳи аввали соли 2023 дар ноҳияи Муъминобод 24 ҳолати бекоркунии ақди никоҳи шаҳрвандон ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 30 ҳолат кам мебошад.**

Бино ба иттилои мудири бахши САҲШ - и ноҳия Рухшона Саидзода, дар давраи зикршуда 2 ҳазору 387 сабти ҳолати шаҳрвандӣ, 46 ҳолати ивази ному насаб, ном ва номи падар ба қайд гирифта шуд. Инчунин, 1370 сабти таваллуд ба қайд гирифта шуд, ки дар қиёс ба соли гузашта 181 ҳолат зиёд мебошад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# «ХОҶА ОБИГАРМ»: ҲАМ ТАБОБАТ, ҲАМ ФАРОҒАТ

**«Хоҷа Обигарм» аз машҳуртарин осоишгоҳҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Он дар ноҳияи Варзоб - зеботарин минтақаи сайёҳии Тоҷикистон, миёни кӯҳҳои осмонбӯс ҷойгир буда, бо оби гарм ва буғи табиӣ, ки дар олам назир надорад, давои даҳҳо бемориҳо буда, берун аз кишвар маълуму машҳур гардидааст.**

Боду ҳавои мусоид, имконияти хуби табобатию истироҳатии осоишгоҳ имкон фароҳам овардааст, ки тамоми фаслҳои сол мизоҷон дар он ҷо табобат гиранд. Воқеан, аз ин мавзеъ, ки бо обу буғи табиии шифобахш, табиати назаррабою дилкашаш ба рӯҳу ҷон ҳаловат мебахшад, ниёзмандон на танҳо аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ, балки аз кишварҳои Ӯзбекистон, Беларус, Туркманистон, Қирғизистон, Арманистон, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Чин ва Ветнам низ ташриф меоранд ва бо рӯҳияи болида бармегарданд.

Дар шаш моҳи аввали соли равон осоишгоҳ 7 ҳазору 350 нафарро ба истироҳату табобат фаро гирифта, дар он барои мизоҷон ҳама шароит муҳайё буда, табибони корозмуда ба кор ҷалб шудаанд.

Директори генералии ҶСК «Осоишгоҳи Хоҷа Обигарм» Маҳмад Камолзода зимни суҳбат бо мо гуфт, ки дар осоишгоҳ ниёзмандон ташхис ва табобат мешаванд.

Тавре аз суҳбат бо масъулини осоишгоҳ маълум шуд, тибқи оиннома, фаъолияти асосии он табобати бемориҳои гуногун мебошад. Яке аз роҳҳои табобати бемориҳо дар ин мавзеъ об ва буғи табиии хусусияти шифоидошта мебошад. Ҳарорати гармии буғи шифобахш, ки аз зери замин берун меояд, ба 97 дараҷа мерасад. Тибқи тадқиқоти илмию лабораторӣ, дар таркиби ин буғи шифобахш радон мавҷуд аст.

Оби шифоии осоишгоҳ дар таркибаш азоту кремний, сулфат, гидрокарбонат, натрий ва калсий дошта, гармии он ба 65 – 96 дараҷа (ба ҳисоби селсий) баробар аст.

Тибқи хулосаи корҳои таҳқиқотии олимон, буғ ва оби шифоии радонӣ ба торҳои асаб, рагҳои хунгузар, васеъшавии хунрагҳои пӯст таъсири мусбӣ мерасонад, ҳамчунин, суръати гардиши хунро дар рагҳои майдатарин, мӯйрагҳо ва пешмӯйрагҳо меафзояд. Оби маъдандори радонӣ дар табобати бемориҳои пӯст васеъ истифода бурда мешавад. Газу моддаҳои намаки радон ва ионҳои онҳо ба хун ҷабида шуда, тавассути он ба тамоми узвҳои бадан паҳн мегарданд. Аз таъсири буғу оби радоние, ки таркибаш элементҳои кимиёвии гуногун, микроэлементҳо, маъданҳо, намак ва моддаҳои дигар дорад, фаъолияти системаи марказии асаб муътадил ва ором мешавад.



Зимни суҳбат истироҳаткунандагон Шодмон Абдуназаров аз ноҳияи Файзобод, Салима Мусоева аз шаҳри Норак, Азамат Давлатова аз вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз тарзи хизматрасонии осоишгоҳ изҳори қаноатмандӣ карданд. Салима Мусоева гуфт, ки бемории асаб доштам. Табиби осоишгоҳ Изатулло Дӯстов ба воситаи сӯзандору табобатам кард ва ҳоло худро солим эҳсос менамоям.

Воқеан, ҳоло дар осоишгоҳ тамоми шароит барои истироҳати бофароғат ва табобат фароҳам аст. Истироҳаткунандагон дар ду ошхонаи осоишгоҳ бо хӯрокҳои болаззат, нӯшобаҳои лазиз, меваю сабзавоти тару тоза таъмин мешаванд.

Ҳуҷраҳо низ бароҳатанд. Ҳунармандон барои дилхушии истироҳаткунандагон шабона барномаҳои консертӣ ва ҳаҷвӣ пешкаш мекунанд. Бо назардошти хизматрасоние, ки дар осоишгоҳ анҷом дода мешавад, метавон гуфт, ки он дар амалӣ гаштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» саҳми созгор мегузорад.

Зимнан, дар «Хоҷа Обигарм» Маркази иттилоотӣ таъсис дода шудааст ва мизоҷон метавонанд пеш аз рафтан ба осоишгоҳ барои худ ҳуҷраи дилхоҳашонро интихоб намоянд.

**Ҳокими САФАР**

# ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТ – ТАКМИЛБАХШИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар заминаи Паёми зикргардида Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабул ва 28-уми декабри соли 2012 таҳти № 925 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо барои бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмӯъ, низоми пешгирии коррупсияро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа танзим менамояд.

Бояд иброз намуд, ки барои тақвият бахшидан ба ҷараёни муқовимат ба коррупсия 30-юми апрели соли 2010 таҳти №864 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2010 таҳти №431 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» тасдиқ гардид. Афзун бар ин, 14-уми декабри соли 2010 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва низомномаи он тасдиқ шуд. Шӯрои миллӣ мақоми машваратӣ, ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои амалигардонии чораҳои муқовимат бо коррупсия мебошад.

Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади мусоидат ба қабул ва таҳкими чораҳое, ки ба пешгирии судманд ва таъсирноки коррупсия ва мубориза бар зидди он нигаронида шудаанд, 31-уми октябри соли 2003 конвенсия бар зидди коррупсияро қабул намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияи мазкур 25-уми сентябри соли 2006 имзо гузошт ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 16-уми апрели соли 2008 тасдиқ кард. Вобаста ба ин Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон (аз 20-уми апрели соли 2011) махсус қайд карданд, ки «Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд саҳми Тоҷикистонро дар иҷрои уҳдадориҳое, ки аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид доир ба мубориза бар зидди коррупсия бармеоянд, мусбат арзёбӣ намудааст».

Хотирнишон бояд сохт, ки тибқи тартиби муқарраргардида бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2008 таҳти №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» қабул гардид. Стратегияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати барномавии сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатро барои мубориза бар зидди коррупсия муайян намуд.

Бинобар анҷом ёфтани муҳлати «Стратегияи мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013 масъалаи таҳия ва пешниҳод намудани «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020»-ро ба миён гузоштанд ва барои таҳияи он Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои муқовимат бо коррупсия вазифадор гардиданд.

Дар натиҷа, тибқи тартиби муқарраргардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2013 таҳти №1504 «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия, барои паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида, бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия шуда, дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ амалӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 муҷаддадан доир ба масъалаи мубориза бар зидди коррупсия сухан карданд ва дар назди мақомоти муборизабаранда бо коррупсия вазифаҳои нав гузоштанд, ҳамчунин, дар таҳрири нав таҳия гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (аз 25-уми июли соли 2005 таҳти № 100) таъкид шуд. Тавре Сарвари давлат зикр карданд: «Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад. Бинобар ин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Прокуратураи генералӣ ва дигар субъектҳои ваколатдори соҳа бояд ҳамкориро бо аҳолӣ беҳтар ба роҳ монда, барои гузоштани садди устувор дар роҳи амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои муассир андешанд.

Ҳамзамон бо ин, якҷо бо Вазорати адлия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»-ро, ки соли 2005 қабул шудааст, вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд».

Бобати иҷрои талаботи Паёми зикргардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабул ва 7-уми августи соли 2020 таҳти № 1714 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Қонуни номбурда асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат бо коррупсияро муайян намуда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Дар моддаи 1 қонуни зикршуда мафҳуми коррупсия бо мазмуни зерин маънидод шудааст: «Коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ».

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» субъектҳои ба коррупсия муқовиматкунанда ба 2 гурӯҳ ҷудо карда шудаанд:

1. Субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда.
2. Субъектҳои дар муқовимат ба коррупсия иштироккунанда.

Дар моддаи 8 ин қонун субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ ва мудофиа, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллӣ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд.

Дар моддаи 10 қонуни зикргардида субъектҳои дар муқовимат ба коррупсия иштироккунанда – вазоратҳои адлия, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, молия, Палатаи ҳисоб, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои андоз, телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқа ва Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти дигари давлатӣ, субъектҳои хоҷагидор, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, намояндагиҳои созмонҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд.

Дар моддаҳои 9 ва 11 қонуни фавқ ваколатҳои субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва субъектҳои дар муқовимат ба коррупсия иштироккунанда пешбинӣ ва мушаххас шудаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми январи соли 2021 оид ба хавфу хатари коррупсия барои ҷомеа ва пешгирӣ намудани амалҳои коррупсионӣ сухан карда, таъкид намуданд: «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад».

Воқеан, пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, кори як мақомот ва ё сохторҳои дахлдори мубориза бар зидди коррупсия набуда, кори дастаҷамъист, яъне дар ин самт бояд, ки ҳар як сокини мамлакат ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ саҳмгузор бошанд. Ҳамчунин, субъектҳои ба коррупсия муқовиматкунанда, бахусус Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои аз байн бурдани сабабу омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ташаккули фазои оштинопазир нисбат ба ин зуҳуроти номатлуб ва баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон пайваста чораҳои дахлдор андешанд.

Бинобар ба охир расидани муҳлати «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» зарурат ба амал омад, ки дар мамлакат стратегияи нав таҳия ва қабул карда шавад. Бояд қайд намуд, ки дар давраи амалисозии стратегияи мазкур барои паст намудани шиддати коррупсия ва баланд бардоштани обрӯю нуфузи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

Мутаассифона, ҳоло низ дар мамлакат мушкилоти коррупсия ҳалли пурра наёфтааст. Аз ин рӯ, дар мамлакат санади сеюм дар самти муқовимат ба коррупсия таҳия ва қабул карда мешавад. Чунончи, тибқи тартиби муқарраршуда бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021 таҳти № 222 «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шуд. Мақсад ва вазифаи асосии амалисозии стратегияи фавқ аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароити ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст кардани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона шудааст.

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар самти муқовимат бо коррупсия бениҳоят муҳиманд, зеро паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат барои садди устувор ниҳодан дар роҳи кирдорҳои коррупсионӣ, тарзу усулҳои мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб, ҳамчунин, такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ саҳми бориз дошта, барои пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат менамоянд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА, корманди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники адлия**

## 261 МАКТАБ ДАР ҲОЛАТИ САДАМАВӢ ҚАРОР ДОРАД



**Аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, илм ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд гардид. Ду сол пайи ҳам ба андозаи 20 фоиз зиёд шудани музди меҳнати омӯзгорон гувоҳи аз таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳа мебошад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода.**

Иттилоъ гирифтем, ки соли 2023 барои соҳаи маориф 7 млр. 210 млн. 355 ҳазор сомонӣ ҷудо шуд, ки нисбат ба соли гузашта 13 фоиз зиёд буда, он 5,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва 18,9 фоизи буҷети давлатиро дар бар мегирад. Аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ барои барномаҳои давлатии «Рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», «Дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025», «Такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» ва «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» 32 миллиону 954 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

Соли равон аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 312 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ба нақша гирифта, 30 муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 8632 ҷойи нишаст дар як баст ба истифода дода шуд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 261 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дорад, ки вазорат якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо талош доранд ин мушкилотро бартараф намоянд.

Ба ҷои кор ҳозир шудани онҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз рӯи равия ва ихтисосҳои омӯзгорӣ хатм менамоянд, ҷалби кӯдакони синни томактабӣ ба боғча, норасоии ҷойи нишасти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ғайриқонунӣ ғасб шудани замини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби шахсони алоҳида, норасоии адабиёти бадеӣ дар китобхонаҳои наздимактабӣ аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки рӯзноманигорон таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**




## 11 ЛОИҲАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲА

**31-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъа Далер иброз намуд, ки дар мамлакат бо назардошти неругоҳҳои барқи обии хурд дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ 10,7 миллиарду 760, 3 миллион кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 209,3 миллион кВт. соат зиёд ва суръати афзоиш 103,3 фоиз таъмин карда шуд.**



Нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар марказҳои барқу гармидиҳии пойтахт дар маҷмӯъ 550,6 ҳазор Гкал неруи гармӣ истеҳсол шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 125,2 Гкал ё 18,5 фоиз кам мебошад. Сабаби нисбатан камшавии ҳаҷми истеҳсоли неруи гармӣ дар марказҳои барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе ин нисбатан барвақт катъ намудани фаъолияти марказҳо дар соли ҷорӣ мебошад. Ҷамъоварии умумии маблағ дар ин давра 2 миллиарду 225,1 миллион сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 434 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ҷумъа Далер, ҳамзамон, гуфт, ки ҷамъоварии маблағ аз ҳисоби аҳолӣ ба 86,6 фоизи маблағи ҳисобшуда баробар буда, 825,3 миллион сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 153 миллион сомонӣ ё 22 фоиз зиёд мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ, аслан корҳо дар доираи 11 лоиҳаи давлатии сармоягузории соҳаи энергетика, аз ҷумла лоиҳаи «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии Сарбанд», лоиҳаи «Ҷорӣ намудани системаи ҳисоби яклухти интиқоли неруи барқ ва беҳдошти шабакаҳои интиқоли барқ», «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии Қайроққум», «Лоиҳаи минтақавии хатти интиқоли барқи CASA - 1000», «Марҳилаи якуми таҷдиди Неругоҳи барқи обии Норак», «Барномаи солимгардонии вазъи молиявии ширкати энергетикӣ» ва ғайра идома ёфта, дар доираи онҳо 1 миллиону 431 ҳазор доллари ИМА маблағ, ҷалб карда шуд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

## БА МАБЛАҒИ 96 МЛН. СОМОНӢ ТАҶҲИЗОТИ ОЗМОИШГОҲӢ ДАСТРАС ГАРДИД

**28-уми июли соли ҷорӣ дар Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ доир гардид.**

- Дар нимсолаи аввали соли 2023 барои пешгирии бемориҳои сироятии чорво бо истифода аз ваксинаҳо ва дигар моводи байторӣ зиёда аз 9 миллиону 506 ҳазору 013 сар ҳайвону паранда зидди бемориҳои гуногун эм шуданд, ки 101.7 фоизи нақшаро ташкил медиҳад, - изҳор дошт раиси кумита Муҳаммадсаид Файзуллозода.

Аз ҷониби озмоишгоҳҳои таъмини бехатарии озуқаворӣи бозорҳои истеъмолӣ 555 ҳазору 577 ташхиси маҳсулоти озуқаворӣ гузаронида шуд. Дар самти назорати зотпарварӣ корҳо оид ба ҳифзу нигоҳдошт ва такмилдиҳии фондҳои ирсии намуд ва зотҳои дар қаламрави ҷумҳурӣ парваришёбанда идома дорад. Ҳоло риояи талаботи қоидаҳои зотпарварӣ дар 80 субъекти хоҷагидорӣ таҳти назорат мебошад.

Ба хотири сазовор пешвоз гирифтани Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ кумита аз ҳисоби маблағҳои махсуси худ бунёди 6 иншооти ҷашнӣ – Озмоишгоҳи ҷумҳуриявии санҷиши сифати маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Душанбе, раёсати кумита дар вилояти Хатлон, марказҳои таъминот ва ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Конибодом, ноҳияҳои Мурғоб, Кӯшониён, Файзобод ва Фархорро ба нақша гирифта, кор дар ин иншоот бомаром идома дорад. Дар доираи ҳамкориҳо аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ба маблағи 92 миллиону 181 ҳазору 375 сомонӣ ва аз ҳисоби Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ ба маблағи 3 миллиону 892 ҳазору 548 сомонӣ таҷҳизоти озмоишгоҳӣ барои муайян намудани бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ дастрас гардид.

- Мутобиқи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми октябри соли 2018 таҳти №520 «Дар бораи «Барномаи бехатарии



маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» дурнамои манбаъҳои маблағгузорӣ барои амалисозии барнома дар 17 банд ба маблағи умумии 72,5 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 47 млн. сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои сармоягузории шарикони рушд ва 25, 5 млн. сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад. Иҷрои барнома то имрӯз 115,6 фоизро ташкил медиҳад, - афзуд М. Файзуллозода.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## АКСИЯҲОИ ЭКОЛОГӢ - ОМИЛИ ПОКШАВИИ МУҲИТ

**Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода зимни нишасти матбуотӣ 31- уми июли соли равон иброз намуд, ки бо мақсади тозаю озода нигоҳ доштани манбаъҳои об ва татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028», тибқи фармоишҳои кумита дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат 744 маротиба аксияи «Тозагии соҳил», 736 аксияи «Тозагии маҳал» ва 500 аксияи «Тозагии шоҳроҳ» гузаронида шуд. Баргузории аксияҳои экологӣ омили покшавии муҳити зист буда, сол то сол сафи иштирокчиёни он меафзояд.**



Дар мавсими ниҳолшинонии тирамоҳи соли 2022 ва баҳори соли 2023 дар ҷумҳурӣ 1 миллиону 722 ҳазору 190 бех ниҳоли дарахтони ҳамешасабзи ороишию мевадиҳанда шинонида шуд, ки 102 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Нашъунамои ниҳолҳо қаноатбахш буда, шахсони мутасаддӣ обёрию нигоҳубини дарахту буттаҳоро хуб ба роҳ мондаанд.

- Бо мақсади пешгирии нақзи қонун дар ин давра 560 санҷиши нақшавӣ, 8304 амалиёти назоратӣ ва санҷишҳои фаврии муштарак гузаронида шуд. Масъулон дар самти назорати таҳлили ихроҷи моддаҳои заҳрнок ба атмосфера дар 84 иншооти фаъолияти хоҷагидорӣ ченкуниҳои инструменталӣ гузаронида, протоколҳои ташхисӣ тартиб доданд,- иброз намуд Б. Шерализода.

Айни замон дар самти обуҳавошиносӣ 54 стансия ва 98 дидбонгоҳи обченкунӣ фаъоланд. Тайи 6 моҳи аввали соли равон 180 пешгӯии якшабонарӯзӣ бо дурустии 93 дарсад ва 120 пешгӯии 2- 5 шабонарӯзӣ бо дурустии 93 дарсад тартиб дода шуда, ки дар қиёс бо ҳамин давраи соли 2022 мутаносибан 3 ва 4 дарсад зиёд мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нисбат ба соли гузашта 48 ҳолати зуҳуроти тарма зиёд ба қайд гирифта шуд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## 70 ХУЛОСАИ МАНФӢ БА АДАБИЁТИ ДИНӢ



**- Дар нимсолаи аввали соли равон дар ҷумҳурӣ 49 масҷиди ҷомеи марказӣ, 327 масҷиди ҷомеъ, 3612 масҷиди панҷвақта, 66 ташкилоти динии ғайриисломӣ, 1 маркази исломӣ ва 3 Ҷамоатхона, дар маҷмӯъ 4058 иттиҳодияи динӣ, дар Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои динии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, - иброз дошт зимни нишасти матбуотӣ якуми августи соли ҷорӣ раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода.**

Номбурда афзуд, ки дар ин давра аз ҷониби иттиҳодияҳои динии ҷумҳурӣ ба ятимону маъюбон, шахсони бепарастор ва оилаҳои камбизоат ба маблағи қариб 1 млн. 200 ҳазор сомонӣ кумакҳои моддиву молиявӣ расонида шуд.

Аз тарафи ходимони дини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо мақсади иштирок дар раванди корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ 33 ҳазору 352 адад гулҳои ороишӣ, 8501 бех дарахтони мевадиҳанда ва 18 ҳазору 287 бех дарахтони сояафкан, дар маҷмӯъ 60 ҳазору 140 бех дарахт ва гулу гулбуттаҳо шинонида шуд.

Ҳамчунин, гуфта шуд, ки ба 1143 номгӯй адабиёти динӣ, 2805 варақа, сабтҳои видеоӣ ва аудиоии дохилӣ 75 фита ва 6 телефони мобилӣ хулосаи мусбат ва ба 70 номгӯи адабиёти динӣ (дар шакли чопӣ 37 номгӯй ва дар шакли электронӣ 33 номгӯй) , 570 варақа, баъзе аз сабтҳои видеоӣ ва аудиоии дохилӣ 107 фита ва 18 телефони мобилӣ хулосаи манфӣ дода шуд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

## БО АФЗОИШИ МАЙДОНИ ПАВЛОВНИЯ ИСТЕҲСОЛИ ЧӮБУ ТАХТА ЗИЁД МЕШАВАД

**Директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Юсуфзода дар нишасти матбуотӣ 31- уми июли соли равон иброз намуд, ки дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Турсунзода, Панҷакент, Варзоб, Шаҳритус, Хуросон, Данғара ва Кӯшониён зиёда аз 10 ҳазор бех ниҳоли дарахти зудафзоишёбандаи павловния шинониданд ва корҳои нигоҳубини ниҳолҳо дар асоси қоидаҳои агротехникӣ ба роҳ монда шудааст.**



Бо афзоиши майдони парвариши павловния истеҳсол ва коркарди чӯбу тахта зиёд хоҳад шуд. Павловния дарахти асалдиҳанда низ мебошад.

Зикр гардид, ки дар шаш моҳи аввали соли равон аз ҷониби агентӣ лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи рушди парвариши павловния дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 - 2028» ва «Дар бораи таъсиси корхонаҳои воҳиди давлатии «Маркази таҳия ва амалисозии лоиҳаҳо» ва «Гурӯҳи ҷангалсозии тоҷик», тибқи тартиби муқаррargardida, таҳия ва пешниҳод шуда, бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

-Тайи нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар майдони умумии 2458,6 гектар корҳои бунёду барқароркунии ҷангалзор ва плантатсияҳо иҷро гардид, ки аз он 41 гектар ба бунёди плантатсияҳои хуч, писта, чормағз ва дигар намуди дарахтон рост меояд. Инчунин, ба миқдори 61 ҳазору 147 бех ниҳоли дарахту буттаҳои ҳамешасабз, ороишӣ ва мевадиҳанда, аз қабили санавбар, тут, айлант, акатсия, қарағоч, дроки испанӣ, бодоми талхдона, хуч, шулаш, олучаи кӯҳӣ, булут ва дигар намуди ниҳолҳои ба иқлими маҳал мутобиқ шинонида шуда, корҳои ҳифзу нигоҳдорӣ, нарм кардани бехи ниҳолҳо, бо мақсади нигоҳ доштани намӣ чараён дорад,- гуфт Абдуҷаббор Юсуфзода.

Аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои системаи агентӣ бо мақсади пешбурди корҳо оид ба самаранок ба роҳ мондани истифодаи захираҳои ҷангал зиёда аз 151 тонна растании ғизоӣ, хӯрданибоб ва шифобахш ҷамъоварӣ гардида, ба бозори истеъмолӣ пешкаш шуд.

Дар давраи мадди назар аз тарафи кормандони ҳифзи давлатии ҷангал, вобаста ба вайрон кардани талаботи қонунгузории соҳаи хоҷагии ҷангал ва шикор нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон 951 санад тартиб дода, ба маблағи 379,5 ҳазор сомонӣ зарар муайян гардид, ки аз он 300,9 ҳазор сомонӣ барқарор карда шуд.

**Сайфидддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## МУЗДИ МИЁНАИ МЕҲНАТ ТАМОЮЛИ АФЗОИШ ДОРАД



**Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, барои иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, тадбирҳои мушаххас андешида истодааст, - зикр кард раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифҷон Ҷумъазода зимни нишасти матбуотие, ки якуми августи соли равон баргузор гардид.**

Кумита таъмини иҷрои бандҳои 43 ва 44-уми нақшаи чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми январи соли 2023 таҳти рақами 321 оид ба вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баёнгардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот манзур намуд.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар вилояти Суғд 106,5 фоиз, Хатлон - 102,7 ва ВМКБ 104,4 фоиз таъмин гардид. Ҳамчунин, дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ музди миёнаи меҳнат тамоюли афзоиш дошта, дар ВМКБ ба 1724,5 сомонӣ, вилояти Хатлон - 1484, Суғд - 1775,83 ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 1456 сомонӣ баробар гардид.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## 4867 НАФАР БО ҶОИ КОР ТАЪМИН ШУДАНД

**- Дар шаш моҳи аввали соли 2023 ба шуъбаю бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 7903 нафар шахси бекор муроҷиат намуданд, ки аз ин шумора 4867 нафар ба ҷои кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъмин шуданд, - гуфт 28-уми июли соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақаи Кӯлоб Ҷӯрабек Қурбонзода.**



Зикр шуд, ки дар ин давра ба 982 нафар бекори дар қайди шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб ба маблағи 774 ҳазору 660 сомонӣ кумакпулӣ пардохт гардид.

- Барои иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор» 1392 хоҳишманд дар филиали Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» дар шаҳри Кӯлоб, ба курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат ҷалб гардиданд, - гуфт Ҷ. Қурбонзода.

Иттилоъ дода шуд, ки дар шаш моҳи аввали соли равон 107 ярмаркаи ҷойҳои холии кор ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 920 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Дар ин давра ба 183 нафар шаҳрванди бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд, 874 ҳазору 955 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд.

Ба саволи хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» дар минтақаи Кӯлоб»: «Чанд нафар ҷавонони аз хизмати ҳарбӣ баргашта бо кумакпулӣ таъмин гардиданд?», Ҷӯрабек Қурбонзода чунин посух дод: - Ба 906 нафар ҷавони аз хизмати ҳарбӣ баргашта 704 ҳазор сомонӣ кумакпулӣ дода шуд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## МУТАХАССИСОН БА ТАЛАБОТИ БОЗОРИ МЕҲНАТ РАҚОБАТПАЗИРАНД

**- Дар сохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 8 факултет, ду марказ, инчунин, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара, гимназия дар шаҳри Кӯлоб ва Литсеи инноватсионии «Душанбе» фаъолият дорад.**



Теъдоди донишҷӯёни таълимгоҳ 3642 нафарро ташкил медиҳанд, ки тибқи низоми кредитӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд. Донишгоҳ мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазирро омода намуда, аз рӯи 49 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯи 36 ихтисос дар зинаи магистратура, аз рӯи 9 самти илмӣ аспирантура ва аз рӯи 8 самти илмӣ докторантура, аз рӯи ихтисоси PhD мутахассис тайёр мекунад,- иброз намуд ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳом Амонзода зимни нишасти матбуотӣ, ки якуми августи соли ҷорӣ баргузор шуд.

Ректор қайд кард, ки маъмурияти донишгоҳ барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбия, ҷавобгӯ будани он ба стандартҳои байналмилалии таҳсилоти олии касбӣ чандин нақша ва чорабиниҳо тартиб дода, онҳоро зина ба зина амалӣ менамояд ва мавқеи худро дар фазои таҳсилоти олии кишвар ва берун аз он баланд мебардорад. 27-уми сентябри соли 2022 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ иштирок карда, дар байни донишгоҳҳои АвруОсиё ҷои ифтихориро ба даст овардa, ба чоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи ин қитъаҳо шомил гашт. Донишгоҳ соҳиби Ҷоизаи бонуфузи байналмилалии «Ситораи сифат» низ мебошад.

Ректори донишгоҳ ба саволҳои мавриди таваҷҷуҳи хабарнигорон, аз ҷумла масъалаҳои қабули довталабон, муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ, фаъолияти телевизион, радио ва нашрияи дохили донишгоҳ, ҳамкории таълимгоҳ бо корхонаҳои истеҳсолӣ, посухҳои мушаххас дод.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## ДСРТ: 13 ЛОИҲАИ ИЛМӢ ВА ТАЪЛИМӢ АМАЛӢ ХОҲАД ШУД

**Дар нишасти матбуотии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (ДСРТ), ки 31- уми июли соли равон баргузор гардид, ректори он Машраб Файзулло қайд намуд, ки алҳол дар донишгоҳ 5226 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд. Шумораи донишҷӯёне, ки аз ҳисоби буҷет таҳсил менамоянд, 1800 нафар мебошанд.**



Соли хониши 2022-2023-юм 993 нафар донишгоҳро хатм намуда, аз ин шумора 84 нафар бо ихтисоси омӯзгорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба кор фиристода шуданд. Мутаассифона, ин рақам нисбат ба соли 2022-юм 20 фоиз кам аст.

Соли 2022- юм 11 лоиҳаи илмӣ аз буҷети давлат (398862 сомонӣ), 7 лоиҳаи илмӣ ва таълимӣ аз ҳисоби маблағгузории Барномаи рушди донишгоҳ амалӣ гардид. Дар нимсолаи аввали соли 2023 дар донишгоҳ 9 лоиҳаи илмӣ, ки аз буҷети давлат дар ҳаҷми 398 ҳазору 862 сомонӣ маблағгузорӣ шудааст амалӣ мешавад. Ҳамчунин, дар назар аст, ки 13 лоиҳаи илмӣ ва таълимӣ ба маблағи 1 миллиону 337 ҳазору 399 сомонӣ аз тарафи Барномаи рушди донишгоҳ солҳои таҳсили 2023-2025 амалӣ гардад.

Нимсолаи аввал донишҷӯёни донишгоҳ дар 15 чорабинии гуногун, аз ҷумла конфронсҳои илмию амалӣ, машварату мизҳои гирд ва озмуну олимпиадаҳо иштирок намуданд. 35 нафар донишҷӯ дар лоиҳаи федералии «Донишгоҳи тобистона» («Летний университет») дар шаҳрҳои Красноярск ва Екатеринбурги Федератсияи Россия ширкат варзиданд.

Кафедраи кимиё ва биологияи донишгоҳ, ки соли 2019 таъсис ёфт, барои гузаронидани дарсҳои амалӣ озмоишгоҳ надошт. Ба суоли хабарнигори рӯзнома: «Оё дар солҳои минбаъда ин мушкил бартараф хоҳад шуд?», М.Файзулло чунин посух гуфт:

-Бале. Ҳоло барои гузаронидани дарсҳои амалӣ ду озмоишгоҳ дорем, ки бо таҷҳизоти зарурӣ таъминанд. Якуми сентябри соли гузашта аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ таҷҳизоти иловагӣ дастрас гардид. Албатта, дар ин самт камбудиҳо низ ҳастанд, вале мо кӯшиш менамоем, ки ҳар чӣ зудтар бартараф гарданд. Боиси ифтихор аст, ки донишҷӯёни мо дар олимпиадаҳои байналмилалӣ аз фанҳои кимиё, физика ва биология ҷойҳои намоёнро ишғол карданд. Ҳоло се нафар ғолибони олимпиадаҳо барои идомаи таҳсил ба донишгоҳҳои Федератсияи Россия даъват шудаанд.

**Н.НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 22-юми августи соли 2023 музоядаҳои № 16 ва №17-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ № 16**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ЗИЛ – 130 | 49-89 В 01 | 1973 | Литсейи касбӣ - техникии шаҳри Ваҳдат | 12000 |
| 2 | Ниссан – Максима | 409 ХК 02 | 2004 | КФҲ «Коргоҳи таъмири қатораҳо» | 16000 |
| 3 | ВАЗ – 2106 | 096 ВМ 01 | 1999 | Сарпрокуратураи ҳарбии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4000 |
| 4 | ГАЗ – 3110 | 015/001 | 2003 | Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» | 8000 |
| 5 | Автомашинаи «Хафей» | 326 ХК 01 | 2007 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 4800 |
| 6 | ГАЗ – 33010 «Газел» | 01510003 | 2005 | Муассисаи давлатии маҷмааи «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12000 |
| 7 | ГАЗ – 3102 | 000329 | 2005 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова» | 8000 |
| 8 | Нива Шевролет | 15-14 В 01 | 2001 | Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Душанбе | 12000 |
| 9 | ВАЗ – 21213 «Нива» | 47-22 РТ 01 | 2003 | Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Нуробод | 8000 |
| 10 | ВАЗ – 21214 «Нива» | 386 2В 02 | 2011 | Муассисаи давлатии «Маркази иммунопрофилактика»-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | 16000 |
| 11 | ГАЗ - 3302 «Газел» боркаш | 19-21 А 01 РТ | 2002 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10000 |
| 12 | ГАЗ – 3102 | 88-03 А 01 РТ | 2001 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6400 |
| 13 | Донг – Фенг | Бе рақам | 2012 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Кӯшониён | 48000 |
| 14 | ГАЗ – 3102 | 394 ХЕ 01 | 2005 | КВД ҷумҳуриявии «Моҳии Тоҷик» | 8000 |
| 15 | Nissan X-Trail | 110М002 | 2008 | Филиали тоҷикистонии «Маркази илмию иттилоотии Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ» | 15000 |
| 16 | ВАЗ – 2107 | 09-62 Е 01 РТ | 2204 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6400 |
| 17 | ВАЗ – 2107 | 05-55 В 01 РТ | 2004 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6400 |
| 18 | ВАЗ – 2107 | 965 ХК 01 | 2006 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 19 | КАМАЗ – 5511 | 531 ЕА 02 | 1985 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомбилгард»-и ноҳияи Шаҳристон | 32000 |
| 20 | KIA Sportage | 66-38 А 03 | 1995 | Корхонаи фаръии байниноҳиявии «Бохтаргаз» | 8000 |
| 21 | Ауди – 6 | 060 ZK 02 | 1999 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ» дар шаҳри Хуҷанд | 16000 |
| 22 | Опел Вектра | 552 ZV 01 | 1995 | Муассисаи давлатии «Таъмир ва нигоҳдории пойгоҳҳои обкашӣ» | 11200 |

**МУЗОЯДАИ № 17**

| № | Тамға | Рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КАМАЗ | 096 ZP 02 | 1988 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 33000 |
| 2 | УАЗ – 31513-095 | 057 км 03 рт | 2005 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда **– шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-73-74, ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1, телефон 4-52-91.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 22-юми августи соли 2023 музоядаҳои № 32, № 33 ва № 34-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ № 32**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чойник | адад | 15 | 390 |
| 2 | Пиёла | адад | 150 | 600 |
| 3 | Коса | адад | 150 | 1050 |
| 4 | Табақи хурд | адад | 60 | 300 |
| 5 | Табақ | адад | 18 | 126 |
| 6 | Табақи калон | адад | 75 | 975 |
| 7 | Табақи андозаи 0,12 | адад | 20 | 260 |
| 8 | Табақи дарози андозаи 0,10 | адад | 30 | 390 |
| 9 | Табақ барои хӯриш | адад | 18 | 189 |
| 10 | Табақи чакагирӣ | адад | 48 | 504 |
| 11 | Табақи қандгирӣ | адад | 20 | 1560 |
| 12 | Табақи мевагирӣ | адад | 16 | 1344 |
| 13 | Қошуқ ва шохин (баста) | адад | 58 | 800 |
| 14 | Зарфи афшурагирӣ | адад | 10 | 570 |
| 15 | Матоъҳои лӯлапечи навъи паплин (228 баста) | метр | 5700 | 42180 |
| 16 | Нӯшокии навъи «Редбул» | адад | 27 | 127 |
| 17 | Креми ороишию гиггиенӣ | адад | 8 | 1040 |
| 18 | Чарххои автомашинаи сабукрав (истифодашуда) | адад | 80 | 19600 |
| 19 | Маҳсулоти лӯбиёгӣ | кг | 250 | 2250 |
| 20 | Мушаки компютер | адад | 100 | 5600 |
| 21 | Флешкаи хурд | адад | 10 | 350 |
| 22 | USB | адад | 10 | 350 |
| 23 | Клавиатураи компютер | адад | 60 | 7560 |
| 24 | Тухмии маҳсулоти полезӣ (90 кг) | адад | 4242 | 76356 |
| 25 | Воситаи нақлиётии дучарха (скутер) | адад | 14 | 34300 |
| 26 | Компютер ноутбуки тамғаи «Samsung» истифодашуда (таъмирталаб) | адад | 1 | 630 |
| 27 | Принтери тамғаи «Samsung» истифодашуда (таъмирталаб) | адад | 1 | 700 |
| 28 | Эмулсия, истеҳсоли Ӯзбекистон (410 адад) | кг | 6640 | 18592 |
| 29 | Бетони тамғаи «Контакт» (истеҳсоли Ӯзбекистон) (117 адад) | кг | 1170 | 4095 |
| 30 | Шпаклёвка барои чӯб (истеҳсоли Ӯзбекистон) (48 адад) | кг | 422,4 | 2070 |
| 31 | Анти сол (истеҳсоли Ӯзбекистон) (36 адад) | кг | 540 | 1890 |
| 32 | Грунтовка (истеҳсоли Ӯзбекистон) (19 адад) | кг | 285 | 997,5 |
| 33 | Фуга (истеҳсоли Ӯзбекистон) (77 адад) | кг | 770 | 2964,5 |
| 34 | Тӯби футбол | адад | 220 | 6160 |
| 35 | Тӯби волейбол | адад | 61 | 1708 |
| 36 | Тӯби баскетбол | адад | 70 | 2450 |
| 37 | Ҷӯробҳои варзишӣ (гетри) | адад | 20 | 140 |

**МУЗОЯДАИ № 33**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҳсулоти қанодӣ (Miller Captain) | кг | 900 | 22500 |
| 2 | Маҳсулоти қанодӣ (сладкие подушечки) | қуттӣ | 153 | 4590 |
| 3 | Равғани растании тамғаи «Магистра» 5 л | адад | 89 | 5340 |

**МУЗОЯДАИ № 34**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Кӯлоҳи зимистона | кг | 20 | 6000 |
| 2 | Зарфҳои пластикӣ (қуттичаҳо) | адад | 585 | 8775 |
| 3 | Чойники сирдор | адад | 36 | 1800 |
| 4 | Қазқон (балон)-и автомашина (истифодашуда) | адад | 55 | 8250 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон – 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кучаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ҶДММ ТАҚХ «АРДО КАПИТАЛ»

**ҶАВОБГАРИИ РОҲБАРИЯТИ ТАШКИЛОТ БАРОИ ТАЙЁР ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2022, КИ 31 ДЕКАБР АНҶОМ ЁФТААСТ.**

Роҳбарияти Ташкилоти амонатӣ қарзии хурди «Ардо Капитал» (минбаъд Ташкилот) барои таҳияи дурусти ҳисоботи молиявие, ки ҳолати молиявии Ташкилотро ба ҳолати 31 декабри соли 2022 ба таври саҳеҳ инъикос менамояд, аз он ҷумла доир ба ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ, гардиши воситаҳои пулӣ ва ҳаракати сармояи худӣ барои соле, ки анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) масъулият дорад.

Роҳбарияти Ташкилот барои таҳияи ҳисоботи молиявии ҳамаи тарафҳои муҳими ҳолати молиявиро эътимоднок инъикоскунанда ҷавобгар мебошад, аз он ҷумла барои пешниҳоди ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйирёбии сармояи худӣ дар соли 2022, ки 31 декабр хотима меёбад мутобиқи талаботҳои Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд СБҲМ) масъул ва ҷавобгаранд.

Дар рафти таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти Ташкилот аз рӯи амалҳои зерин ҷавобгар аст:

- Интихоби принсипҳои муносиби ҳисобгирии бухгалтерӣ ва истифодабарии мантиқии онҳо;
- Риояи талаботи СБҲМ ва ошкор намудани тамоми майлкуниҳои асосӣ дар ташреҳоти ҳисоботи молиявӣ;
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзия, ки Ташкилот дар ояндаи наздик фаъолияти худро идома медиҳад, бо истиснои ҳолатҳои ки фарзия гирифтан ғайриимкон аст.

Роҳбарият барои ҳолатҳои зерин низ масъул мебошад:

- Таҳия, амалисозӣ ва таъмин намудани фаъолияти самараноки системаи назорати дохилии Ташкилот;
- Нигоҳдории системаи баҳисобгирии муҳосибие, ки ҳама вақт тавоноии тайёркунии ахбороти сатҳи кифоятан дурустро оид ба ҳолати молиявии Ташкилотро дошта бошад ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро ба талаботи БМТ таъмин намояд;
- Пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва қолабҳои муҳосиботии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барои таъмини нигоҳдории молу мулки Ташкилот дар ҳудуди салоҳиятҳои худ чораандешӣ намояд;
- Ошкорсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ, хатоиҳо ва дигар намуди суиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли 2022, ки 31 декабр анҷом ёфтааст, аз тарафи роҳбарияти Ташкилот санаи 30 апрели с.2023 тасдиқ карда шудааст.

Директор — Ҳайдарова Ҳ.Д., и.в. Сармуҳосиб

**ҲИСОБОТ ОИД БА ДАРОМАДИ УМУМӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**

*(бо пули миллии сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2022 | 2021 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 14 | 2 287 | 1 822 |
| Харочоти фоизӣ | | (130) | (100) |
| **Даромади фоизии соф пеш аз захираҳои барои талафоти имконпазир** | | **2 157** | **1 723** |
| Даромад аз барқароршавии арзиши қарзҳо | 15 | 24 | 135 |
| Харочоти захираи бекурбшавии қарзҳо | | (134) | (134) |
| **Ҳамагӣ:** | | **(110)** | **1** |
| **Даромади фоизии соф** | | **2 047** | **1 724** |
| Даромад аз хизматрасонӣ | 16 | 939 | 434 |
| Харочотҳои хизматрасонӣ | | (148) | (316) |
| **Даромади соф аз хизматрасонӣ** | | **791** | **119** |
| Фарқияти холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 17 | (44) | 26 |
| Фарқияти холис аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | | - | - |
| **Ҳамагӣ** | | **(44)** | **26** |
| Дигар даромадҳо/харочотҳо | 18 | (32) | 13 |
| **Ҳамагӣ дигар даромад/харочоти соф** | | **(32)** | **13** |
| Харочоти маъмурӣ | 19 | (1 447) | (1 677) |
| **Фоидаи пеш аз андозбандӣ** | | **1 314** | **205** |
| Харочоти андоз аз фоида | 20 | (278) | (41) |
| **Фоидаи соф** | | **1 036** | **164** |

Директор — Ҳайдарова Ҳ.Д., и.в. Сармуҳосиб

**ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**

*(бо пули миллии сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2022 | 2021 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 5 | 203 | 358 |
| Суратҳисобҳои бонкӣ | 5 | 4 973 | 260 |
| Қарз ба муштариён | 6 | 8 165 | 6 558 |
| Воситаҳои асосӣ | 7 | 348 | 366 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | | 500 | 543 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 8 | 158 | 102 |
| Дигар дороиҳо | 9 | - | 135 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **14 347** | **8 322** |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 10 | 1 483 | 787 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | 11 | 155 | - |
| Дигар уҳдадориҳои ҷорӣ | 12 | 4 535 | 285 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **6 172** | **1 072** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | 13 | 7 000 | 7 000 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 1 036 | 112 |
| Захираи умумӣ | | 138 | 138 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **8 174** | **7 250** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **14 347** | **8 322** |

Директор — Ҳайдарова Ҳ.Д., и.в. Сармуҳосиб

## ЭЪЛОН!

Мудири махсуси ҶДММ ТАҚХ «Тамвил» ба маълумоти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мерасонад, ки дар асоси Ҳалномаи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 13-уми июли соли 2023 ҶДММ ТАҚХ «Тамвил», воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ -110 бо асосҳои муфлисшавӣ барҳам дода, дар фаъолияти ҶДММ ТАҚХ «Тамвил» мурофиаи муфлисшавӣ оғоз шудааст.

Ба ҳайси мудири махсус Шарифов Раҳимҷон Шарифович таъин гардидааст.

Ҳамаи талабу даъвоҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба таври расмӣ, дар асоси талаботи банди якуми моддаи 29-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» дар муддати то се моҳ аз тарафи мудири махсус ба қайд гирифта мешавад.

**Телефон барои маълумот: 44-600-00-00 (102)**

## ЭЪЛОН!

✓ Намояндагии корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон автомашинаи тамғаи «Фолскваген Туарег», соли барориш-2011, рангаш-сафед, винкод - WVGZZZ 7 PZ CD 010971-ро аз номи Фаррух Султонов ба фурӯш мебарорад.

Музояда 14-уми августи соли 2023 баргузор мешавад. Телефон барои маълумот: 888-22-94-94.

***

✓ Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон автомашинаи «Ниссан Навара», соли барориш-2017, рангаш сафед, винкод - VCKD3C 48HA088032-ро аз номи Марк Буҷман, суроға-шаҳри Душанбе, кӯчаи Адҳамов ба фурӯш мебарорад.

Музояда 15-уми августи соли 2023 баргузор мешавад. Телефон барои маълумот: 93-888-04-14.

## ЭЪЛОН!

Мудири махсуси ҶСП БСТ ТИСТ «Тоҷпромбонк» ба маълумоти саҳомон, шахсони дигар ва қарздеҳони ҳамин бонк мерасонад, ки бо таъиноти Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 1-уми августи соли 2023 мурофиаи барҳамдиҳии маҷбурии ҶСП БСТ ТИСТ «Тоҷпромбонк» бо асосҳои муфлисшавӣ ба анҷом расида, фаъолияти мудири махсуси он қатъ карда шуд.

**Тел: (44) 6006100**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дипломи такрории ДТК №0253342, таҳти қайди 1202-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб соли 2022 ба Шарифова Зебонисо Ҷалиловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи механизатор – мошинисти силсилаи РТ № 0048441 ва талони силсилаи АД № 0050261-и гумшуда, ки онҳоро ҶДММ «Роҳсоз Исмоилҷон» 2-юми ноябри соли 2022 ба Самадов Акбаралӣ Ҷӯрабоевич додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи силсилаи А №02631551-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 28-уми октябри соли 2019 ба Самадов Акбаралӣ Ҷурабоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А №01044811-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 25-уми августи соли 2017 ба Каримов Комилджон Фарходович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2020 ба Каримов Комилджон Фарходович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 1034677-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №80-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2022 ба Назриев Муҳаммадҷон Саидраҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти №8Ш-1146 санаи 1-уми сентябри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, бинои 44, хонаи 62 ба Алиева Наргис Ҷумахоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии хориҷии силсилаи ТУК №401760107-и гумшуда, ки онро РВКД дар шаҳри Душанбе 7-уми ноябри соли 2017 ба Нуров Бахтиёр Мирзомуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи (паспорти) гумшудаи шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон зери силсилаи Р AFG P 03421197, ки онро Раёсати паспортдиҳии Вазорати умури дохилии ҶИА 18-уми октябри соли 2020 ба Ҳошимӣ Соҷида додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0085642-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 20-уми сентябри соли 2017, бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Чимтеппа ба Наврузов Вахид Худойбердыевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии 1-уми шаҳри Душанбе 19-уми феврали соли 2001 таҳти феҳрасти №9Д-197 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Титов, бинои 16, хонаи 9, ба Отаев Маҳмадёр Донаёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии таҳти №6617-и гумшуда, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и КФББТ-и шаҳри Душанбе 19-уми феврали соли 2001 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур кӯчаи Титов, бинои 16, хонаи 9 ба Отаев Маҳмадёр Донаёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи НТ-1 №333649-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе 4-уми июли соли 1990 ба Азизбекова Азима Шодиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ, деҳаи Нилкон ба Арабова Муқаддас Маҳмадуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи таваллуди силсилаи АА №0527362 –и гумшуда, ки онро Шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 13-уми марти соли 2012 ба Наимзода Назирджон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №1035339-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №46-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2022 ба Абдуллоев Амирҳамза Ғайбуллоҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии силсилаи ҶТ№890233-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Вахш 6-уми октябри соли 2022 ба Вазин Саидокиф Саидмуҳаммадориф додааст, эътибор надорад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 4 августи соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

**Навбатдорони шумора Ф.Файзалиева ва Ҳ.Тоҳирӣ**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**